Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Рушди раванди ҷаҳонишавӣ ва модернизатсияи муносибатҳои байналмилалӣ инсониятро аслан дар арафаи воридшавӣ ба марҳилаи ҷадиди тартиботи нави ҷаҳонӣ қарор додааст. Авҷ гирифтани муборизаҳои рӯйирости геополитикӣ, қудратталабӣ, манфиатҷӯйӣ ва мусаллаҳшавӣ боиси пайдоиши мушкилиҳои ҷиддӣ дар муносибатҳои мавҷудаи байналмилалӣ гашта истодааст.

Назарияи сиёсӣ собит намудааст, ки дар тули таърих олимон ба масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз нуктаи назари илмӣ муносибат намуда, онҳоро ҳамчун унсури муҳимми таъмини ҳастии миллату давлатҳо эътироф намудаанд. Манфиатҳои миллӣ аз маҷмуи талаботи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди давлати миллӣ таркиб ёфтаанд. Дарки амиқ, муайян намудани ҷойгоҳ ва муҳиммияту аҳамияти ҳимояи он инкишофи мутаносибу самараноки давлати миллиро таъмин месозад.

Маврид ба зикр аст, ки унсурҳои асосии манфиатҳои миллиро ҳимояи истиқлолияти сиёсӣ, таҳкими робитаҳо ва алоқаҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, ҳифзи арзишҳои маданӣ ва анъанаҳои миллӣ, сохтори конститутсионӣ, таъмини тамомияти арзӣ ва амнияти давлатӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва бақои он, худкифоягии иқтисодӣ ва

таъмини суботи сиёсӣ ташкил менамоянд. Афзалиятҳои манфиатҳои миллиро нишондодҳои қудрату тавоноӣ ва иқтидори ҳаётии давлат, чӣ дар дохил ва чӣ дар беруни он ташкил медиҳанд.

Дар ин замина, метавон қайд намуд, ки ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ҳаётан муҳимми давлатдорӣ мубаддал гаштааст. Бо дарки зарурати ногузири таърихӣ дар марҳилаи кунунӣ дар сатҳи қонунгузорӣ манфиатҳои миллӣ муайян ва ҳифз карда мешаванд, ки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо, таъмини муҷаҳҳазгардонӣ ва омодагии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қушунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми онҳо эътироф шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки диссертант тавонистааст, ки навгониҳои илмии таҳқиқотро дуруст муайян намуда онро бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Навгониҳои нисбатан муҳимми таҳқиқот инҳо мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявию методологии манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, мазмун, моҳият ва хусусияти онҳо муайян карда шуд;

- заминаҳои сиёсии механизмҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ

зимни бавуҷудоии хавфу хатарҳои низоми сиёсии олам асоснок карда шуданд;

- қонуниятҳои ташаккули таълимоти нав оид ба моҳият ва зарурати низоми нави ҷаҳонӣ муайян карда шуданд;

- хусусияти равандҳои сиёсӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар шароити равандҳои низоми нави ҷаҳонӣ муайян карда шуд;

- ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, механизмҳои муқовимат ба таҳдидҳо муайян ва асоснок карда шуданд.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисматҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсия иборат аст.

Дар таҳқиқоти мазкур баъзе мафҳумҳо ба таври нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба сифати навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Рисолаи диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, баъзе камбудиҳои ҷузъии ҷойдошта арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мебошад.

Муқарриз:

мудири кафедраи сиёсатшиносии

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес

ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Саидзода Ш.Ш.

Имзои номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент Ш.Ш. Саидзодаро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд,
ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел. моб.: (+992) 93-938-88-66